«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»
____________ Ибодуллозода А.И.
«____» ________ соли 2026.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи мазкур ба шиносномаи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, ба бандҳои 3, 14, 17 ва 18 мутобиқат мекунад:

Банди 3. Арзёбии ҳолати реҷаи обии ҳудудҳо ва оқибатҳои геоэкологии тағйирёбии он вобаста ба тағйирёбии андозаҳои иқлим. Таҳлили геоэкологии таъсири танзими ҷараёни дарёҳо ба экосистемаҳои обӣ, соҳилӣ-обӣ ва заминӣ, инчунин асосноккунии роҳҳои ҳифз ва барқарорсозии экосистемаҳои обӣ ва заминӣ.

Банди 14. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва технотабиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатар ва хавф, идоракунии хавф, чораҳои пешгирикунанда барои коҳиш додани паёмадҳои равандҳои фалокатбор, ҳифзи инженерии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоот.

Банди 17. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.

Банди 18. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология. Таҳияи асосҳои илмии экспертиза ва назорати давлатӣ дар соҳаи экологӣ.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муайян намудани хусусиятҳои табдилёбии муҳити атроф ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ масъалаи муҳимтарини геоэкологӣ арзёбӣ гардида, бо ин мақсад гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи геоэкологӣ ва таҳияи чораҳо оид ба паст намудан ва типикунонии хатарҳои табиӣ, геоэкологӣ ва техногенӣ вазифаи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Дар шароити тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ геосистемаҳои кӯҳӣ бинобар сабаби ҷараёнҳои техногении

фаъолияти инженерию хоҷагидории инсон, рушди хавфҳои геологиро дар ҳамбастагӣ бо муҳити атроф фаъол мегардонанд. Таъсири аввалин ва маъмултарини фаъолияти корхонаҳои саноати кӯҳӣ ба муҳити геоэкологӣ таъсири физикию механикӣ мебошад. Таъсир ба минтақа аз омилҳои - тағйирёбии таркиби кимиёвии обҳои сатҳӣ ҳангоми обпартоӣ аз ковишҳои зеризаминӣ; пастшавии таркиби кимиёвии обҳои зеризаминӣ ҳангоми корҳои пармакунӣ, ифлосшавӣ бо маҳлулҳо, партовҳои моеъ; ифлосшавии ҳаво аз партовҳои газу чанг ҳангоми корҳои таркишӣ, ҳавотаъминкунии конҳо; вайроншавии таркиби кимиёвии хок дар натиҷаи ворид шудани партовҳои газ, моеъ ва сахти саноати кӯҳӣ.

Таҳлил, натиҷа ва мушоҳидаҳои овардашуда шиддатнокии гуногуни вайроншавии муҳити геологии минтақаро аз сабаби афзоиши босуръати корҳои истихроҷии конҳои ангишт нишон медиҳанд. Афзоиши босуръати ин корҳо тарҳрезӣ ва татбиқи таъсироти нав омӯзиши ҳамаҷониба ва муттаҳидонаи ин масоили таъхирнопазирро талаб мекунад, ки вазифаи таркибии илми геоэкологияи муосир мебошад.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои дар рисолаи диссертатсионии Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» зикргардида дар сатҳи илмӣ ва ҷавобгӯ ба талабот баҳо дода мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти унвонҷӯ натиҷаҳои асосии илмӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаст:

1. Мавҷудияти захираи фаровони намудҳои гуногуни ангишт дар нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор имкон медиҳад, ки минбаъд ҳаҷми истеҳсол ва коркарди саноатии он бо мақсади истеҳсоли маводи сӯзишворӣ, кимиёвӣ ва технологӣ афзун карда шавад.

2. Муайян карда шуд, ки конҳои ангишти минтақаи таҳқиқотӣ дар таъмини амнияти энергетикии кишвар ва берун аз он нақши муҳим ва калидӣ мебозад. Хусусан кони ангишти антратсити Назар-Айлоқ, ки аҳаммияти стратегӣ дорад, аз ҷиҳати таркиб ва сифат дар тараққиёти иқтисодии кишвар басо афзалиятнок ба шумор меравад.

3. Дар нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор тамоми таҳшинҳои эраҳои палеозой, мезозой ва кайнозой ҷойгир шудаанд, ки аз ташаккулёбиҳои таҳшинӣ, вулқонӣ ва интрузивӣ иборат мебошанд. Баромадҳои ғафсиашон пасти таҳшинҳои карбон, ки бо лояҳои суффӣ ва вахшивар

муаррифӣ шӯда, дар сарҳади ҷанубии қаламрави омӯхташуда бо як хати танги таҳшинҳои юра иҳота карда мешаванд.

4. Мураккабӣ ва гуногунии релеф, иқлим, хок ва наботот барои дар минтақаи ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ба вуҷуд омадани маҷрои ҷараёни обӣ шароити хеле гуногун фароҳам меорад, ки ба туфайли онҳо ҷараёни асосии дарёҳои сершумор ба амал меоянд.

5. Муайян карда шуд, ки ба минтақаи таҳқиқшаванда ноҳияҳои гуногун ифодаёбандаи орографӣ-пастхамиҳои муосир бо баландиҳои нисбатан мутлақ ва қаторкӯҳҳои хос бо тақсимоти сатҳи ноҳамвори релеф хос аст. Аз равандҳои инженерию геологие, ки симои морфологии минтақаро муайян мекунанд, эрозияи таназзулӣ, ҷараёнҳои нишебӣ, ярч ва селҳо бештар ифода ёфтаанд.

6. Муайян карда шуд, ки аз ҳаҷми ангишти истихроҷшудаи корхонаҳои саноати кӯҳӣ тахминан 25-30 %-и он ҳамчун талафот ё ин, ки ба ақидаи дигар, партов ба шумор меравад. Баъди ҷорӣ намудани технологияи бепартов аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаи назаррасеро ба даст оварда, хароҷоти иловагие, ки аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ масраф шудаанд, барқарор намудан мумкин аст.

7. Омӯзиши оқибатҳои зилзилаҳои сахт дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қувваи зилзила на танҳо аз релефи маҳал, хосият ва ҳолати ҷинсҳои таркибдиҳандаи нишебиҳо, балки ба як зумра омилҳо, аз он ҷумла ба реҷаи об низ вобаста аст. Аз ҷиҳати сейсмикӣ ноҳия минтақаи фаъоли кӯҳпайдошавӣ бо зуҳуроти васеи равандҳои геодинамикии муосир ва сейсмикии баланд мебошад.

8. Аз ҷиҳати стратиграфӣ нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва қисми ҷанубу ғарбии Қаротегин бо таҳшинҳои синну солашон гуногун, ки аз кембрий то кайнозой мебошанд, ифода ёфтаанд. Дар минтақаи таҳқиқотӣ таҳшинҳои ангиштсанг васеъ паҳн шудаанд. Дар нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор қабатҳои ангиштсанг майдони васеъро ишғол мекунанд.

9. Минтақаи таҳқиқотӣ аз рӯйи сохти геотектоникӣ дар ҳудуди қаторкӯҳи Ҳисор ҷойгир буда, муҳимтарин тарқиши тектоникӣ тарқиши амиқи Ҳисор мебошад.

10. Дар минтақаи таҳқиқотӣ масоили мавҷудаи таъмини нерӯи сабзро бо роҳи истифодабарии ҷараёни маҷрои рӯди Зиддеҳ, ки аз обшавии барфтӯдаҳо ва пиряххо сарчашма мегиранд, татбиқ намудан мумкин аст.

Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия унвонҷӯ дарҷ кардааст:

1. Бо назардошти мавҷуд будани шароитҳои мусоиди географӣ, геологӣ ва кӯҳию техникӣ дар ҳудуди конҳои канданиҳои фоиданоки кишвар корхонаҳои саноати кӯҳӣ зарур аст, ки ба бунёди шабакаҳои барқию обии хурди худ манфиатдор бошанд.

2. Яке аз масъалаҳои афзалиятнок, ки ба таъмини бехатарии саноатӣ ва экологии истихроҷи конҳои ангишт равона карда шудааст, ин интиқол додани ангишти истихроҷшуда ба анборҳо ё ҷойҳои махсусгардонидашуда ва таъсири бевоситаи онҳо ба муҳити геоэкологӣ мебошад. Бо мақсади беҳбуд бахшидан дар самти корҳои интиқолдиҳӣ интихоб намудани роҳи танобии барқӣ бамаврид буда, барои дар тамоми фасли сол ба роҳ мондани истихроҷи ангишт мусоидат менамояд.

3. Дар оянда барои ба даст овардани фоидаи максималии иқтисодӣ моро зарур аст, ки роҳҳои ҷорӣ намудани технологияҳои бепартовро ҷустуҷӯ намоянд. Ин вазифаро бо роҳҳои гуногун ва махсусан бо истифода аз технологияи истеҳсоли қолаби фишурдаи хокаи ангишт (брикет) иҷро намудан мумкин аст.

4. Харитаҳои таҳиянамудаи экологӣ имконияти коҳиш додани таъсири хавфҳои экологиро дар минтақаҳои коркард ва истихроҷи ангишт ва иншооти ҳаётан муҳимми хоҷагии халқ фароҳам меорад.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар асоси гузаронидани таҷрибаву таҳқиқотӣ илмӣ ва саҳроӣ ба унвонҷӯ даст додааст, ки ба як қатор навгониву натиҷаҳои илмиву амалӣ ва назариявӣ ноил гардад:

1. Аз ҷониби унвонҷӯ хусусиятҳои шароити геоэкологии минтақаи истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт ошкор ва муқаррар карда шуданд.

2. Бори аввал хавфҳои геологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ-истихроҷӣ ва коркарди конҳои ангишт арзёбӣ гардиданд.

3. Аз ҷониби унвонҷӯ харитаҳои хавфҳои табиӣ-геоэкологӣ ва арзёбии таъсирбахшии онҳо ба муҳити геоэкологӣ тартиб дода шуданд.

4. Тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба коҳиш додани таъсирбахшии хавфҳои табиӣ, экологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионии ба анҷомрасонидаи унвонҷӯ Кароматуллои Ю. метавонанд аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъсири истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок ба муҳити зист, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба

пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ ва инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ, экологӣ ва географӣ дар вақти гузаронидани лексияҳо, дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ истифода гарданд. Қисмҳои ҷудогона ва натиҷаҳои муайяни кор вобаста ба мавзуи диссертатсия дар шакли тавсияҳо ва барои татбиқ дар истеҳсолот аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод карда шудааст

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, хулоса ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ овардашуда пурра асоснок ва дақиқ карда шуда, ҳамчунин дар сатҳи олӣ бо истифода аз баргузории корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ иҷро гардидаанд.

Таҳияи харитаҳои инженерӣ-геологӣ ва геоэкологии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар миқёсҳои гуногун имконияти таҳлили ҳолати кунунии фазои ҷуғрофӣ-геологии минтақа, омӯзиши мушкилоти геоэкологӣ ва муқовимати онҳо ба хавфҳои табиӣ ва геоэкологӣ ва таъсири фаъолияти техногенӣ, муқаррар намудани шароити геоэкологии минтақа ҳангоми фаъолияти техногенӣ; таҳияи чораҳои ҳифзкунандаи табиӣ доир ба беҳбуд бахшидан ба фазои табиии минтақа мусоидат менамоянд.

Инчунин, дараҷаи эътимоднокӣ бо чопи мақолаҳо ва натиҷҳои ба дастомада асоснок карда шудаанд. Ғайр аз он маводи фондии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз адабиётҳои чопшуда истифода карда шудаанд.

Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, ки аз маълумоти корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ бар меоянд, таҳлил, хулосаҳо ва тавсияҳо бо усулҳои таҳлилӣ, оморӣ ва математикӣ асоснок ва дақиқ карда шуда, эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Натиҷаҳои илмиву амалӣ дар диссертатсия аз ҷониби унвонҷу ба таври мустақилона бо ҳамроҳии роҳбари илмиаш анҷом дода шудааст. Мавзуи таҳқиқот ба омӯзиши хусусиятҳои геоэкологии майдони конҳои ангишт ва равандҳои хатарноки табиӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Марказӣ равона шудааст. Аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона харитаҳои гидрологии минтақа, релефи нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, ландшафтҳои нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, хокҳои нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, мониторинг

ва арзёбии хавфҳои табиии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, харитаҳои инженерӣ-геоэкологии минтақаи омӯзишӣ, харитаи инженерӣ-геоэкологии хавфҳои табиии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, тадбирҳои конструктивӣ ва технологии ҷори намудани НБО-и хурд ва технологияи муосири кашонидани ангиштро таҳия намудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Ҷузъҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар маҷалаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия шудааст, нашр гардидаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи унвонҷӯ Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» аз муқаддима, 4 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда аз 159 номгӯй, 44 расм, 8 ҷадвал ва 163 саҳифаи чопиро фаро гирифтааст. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳи илмӣ ва аҳамияти назарию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми** диссертатсия – “Тавсифи физикӣ-географии минтақа” оид ба таҳлили асосҳои назариявии омӯзиши минтақаи таҳқиқот, релеф, орогидрография, шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа бахшида шуда, заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқоти минбаъдаро фароҳам меорад. Боб аз чор зербоб иборат буда, дар онҳо маълумоти дақиқ бо расму харитаҳо ба таври возеҳу пурра ва бо факту мисолҳои амиқ гирд оварда шудаанд.

Дар таҳқиқоти боби якум дарҷ гардидааст, ки сохтор ва релефи қаторкӯҳи Ҳисор гуногун аст. Нишеби шимолии қаторкӯҳ шаху танг, аксаран харсангӣ аст. Минтақа силсилакӯҳ-сертеппа ва кӯҳҳои нишебдори шахӣ ва бахшгоҳҳои ҳамворро дарбар мегирад. Танҳо соҳилҳои ҷараёнҳои калон ва миёна, ки асосан аз сарҳади нишебии ҷанубӣ ҷорӣ мешаванд, доманакӯҳҳои қуллаҳои тез доранд, ки сарҳади табиии

қаламравҳоро ташкил медиҳанд. Унсури асосии орографии минтақа қаторкӯҳи Ҳисор маҳсуб мешавад, ки бо самти арзӣ тӯл кашидааст. Воҳидҳои ғайриасосии морфологӣ- силсилакӯҳҳои шохаи қаторкӯҳи Ҳисор, ки баландии мутлақи ҳар як теға ба 4500 метр ва зиёда аз он аст, ба ҳисоб меравад. Шабакаи гидрографии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор хуб рушд ёфтааст ва ба ҳавзаҳои дарёҳои Қаратоғ, Хонақо, Зиддеҳ, Кофарниҳон, Дараи Пиёз ва Назар-Айлоқ мансуб аст, ки дар диссертатсия дар шакли умумӣ дарҷ шудааст.

**Дар боби дуюм – "Сохтори геологӣ ва ҳолати сейсмикии минтақа"** доир ба таҳқиқоти геологӣ, сейсмикӣ, таҳшинҳои давраи чаҳорякумин, хусусиятҳои морфологии ҳудуди таҳқиқотӣ ва хусусиятҳои тектоникии минтақаи Ҳисори Ҷанубиро бо расму харитаҳо ба таври возеҳу пурра гирд оварда шудаанд. Аз ҷиҳати стратиграфӣ нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва қисми ҷанубу ғарбии қаторкуҳҳои Қаротегин бо таҳшинҳои синну солашон гуногун, ки шартан пеш аз кембрий то кайнозой мебошанд, ифода ёфтаанд. Нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва Қаротегини ҷанубу ғарбӣ аз рӯйи нақшаҳои ноҳиябандии тектоникӣ ба минтақаи Ҳисори Ҷанубӣ сохтори фатсиалии Тиён-Шони Ҷанубӣ тааллуқ дорад. Минтақа аз шимол бо минтақаи Зарафшон - Ҳисор ва аз ҷануб бо пастхамии Тоҷикистони Ҷанубӣ маҳдуд аст. Синну соли минтақаи Ҳисори Ҷанубӣ герсинӣ буда, давраи аз силур то ибтидои мезозойро дар бар мегирад.

**Дар боби сеюм** – "Хусусиятҳои геоэкологии минтақа" мавриди омӯзиши унвонҷӯ қарор гирифта, натиҷаҳои илмӣ ба даст омадаанд. Дар боби мазкур дараҷаи илмии ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишт, гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи геоэкологӣ дар шароити таъсири техногенӣ, инчунин таҳияи чораҳо оид ба коҳиш ва типикунонии хатарҳои табиӣ, экологӣ ва техногенӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дарҷ гардидааст, ки дар ҳудуди Тоҷикистон 4 мавзеи рушди қабати ангиштдор чудо карда шудааст, ки ҳар яке бо хусусиятҳои хос аз рӯи минтақабандии геологӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: Зарафшону Ҳисор, Ҳисори Ҷанубӣ, Помир-Дарвоз, Фарғонаи Ҷанубӣ. Конҳои ангишти ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар таъмини амнияти энергетикии кишвар нақши муҳим доранд. Ин дар қаламрави мазкур мавҷуд будани конҳои бузурги ангишт, аз қабили Зиддеҳ, Тошқутан, Ҳакимӣ, Суффа, Чашмасанг, Сайёд, ки захираҳои асосии ангишт дар кишвар мебошанд, вобаста аст.

**Дар боби чоруми** диссертатсия – “Динамикаи тағйирёбии шароити геоэкологӣ” оид ба таъсири техногенӣ ва тағйирёбии вазъи геоэкологии минтақа, омилҳои асосии қонунияти пайдоиши хавфҳои табиӣ, чорабиниҳои геоэкологӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои табиӣ ва беҳбуд бахшидан ба вазъи иқтисодии минтақа, интихоби технологияи муосири интиқоли ангишт ва дигар омилҳову масоил маълумоту натиҷаҳои назаррас ба қалам дода шудаанд.

Яке аз масъалаҳои афзалиятнок, ки ба таъмини бехатарии саноатӣ ва экологии корҳои истихроҷи ангишт нигаронида шудааст, интиқол додани ангишти истихроҷшуда ба анборҳо ё ҷойҳои махсусгардонидашуда ва таъсири онҳо ба муҳити геоэкологӣ мебошад, ки дар диссертатсия равшану возеҳ гардидааст. Татбиқи технологияи бепартов дар конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами рӯз ба шумор меравад.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи пешниҳодгардидаи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи “Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа”, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Кароматуллои Юсуф ба ихтисоси илмии дархостшаванда 1.6.32. Геоэкология мувофиқат мекунад. Таҳқиқи дессертатсонӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва хатогиҳои техникие, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотиояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ тамоми паҳлуҳои асосии пайдошавии омилҳои табиӣ (геологӣ, геотектоникӣ ва иқлимӣ) - ро фаро мегирад, лек таҳлили амиқи таъсироти омилҳои антропогение чун буридани дарахтону ҷангалзор, сохтмони роҳҳо, чаронидани аз ҳад зиёди

чорво дар ҳудуди минтақаи омӯзишро метавон ба таври мукаммалтар баён дошт.

2. Оид ба эҳтимолияти фаромадани ярчҳо ва хатару ҳаҷми онҳо дар замони муосир ахбороти оморӣ хело ночиз оварда шудаанд, унвонҷӯро мебоист диққати бештарро дар ин самт равона созад.

3. Дар диссертатсия дар хусуси мавқеи геоморфологӣ сухан меравад, лек дар ин самт харитаҳои нақшавии геоморфологӣ ва рушди ҷараёнҳои экзогенӣ оварда нашудаанд.

4. Дар диссертатсия доир ба талафот ҳангоми кашонидани ангишт маълумоти кам пешниҳод гардидааст.

5. Дар бобҳо ё ин, ки зербобҳои рисолаи илмӣ доир ба иқтисодиёти сабз ки ҳадафҳои стратегии мамлакат ба шумор меравад, нишон дода нашудааст, ҳоло он, ки қисми зиёди чораҳо ва тавсияҳои таҳиянамуда ба ин самт равона гардидааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи "Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои география, профессори кафедраи географияи сайёҳӣ ва методикаи таълими география Муҳаббатов Х.М. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи геоэкология муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №10 аз 25.05.2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 9 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои техникӣ,
мудири кафедраи геоэкология Шоназаров Б.Б.

**Эксперт:**
доктори илмҳои география Муҳаббатов Х.М.

**Котиби илмии ҷаласа**: Абдукаримзода Қ.

Имзоҳои Шоназазаров Б.Б.,
Муҳаббатов Х.М. ва Абдукаримзода Қ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.

Суроғаи муассисаи пешбар:
Индекс 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121.
Тел./Fax/: (+992 37) 2241383.
E-mail: info@tgpu.tj;
сомонаи расмӣ www.tgpu.tj
“25” 05 соли 2026.